Муаллиф: Administrator
18.09.2021 11:20 -

СУХАНРОНИИ САРВАЗИРИ ЧУМХУРИИ ИСЛОМИИ ПОКИСТОН ИМРОН ХОН ДАР НИШАСТИ МАТБУОТӢ ПАС АЗ МУЗОКИРОТ БО ПРЕЗИДЕНТИ ЧУМХУРИИ ТОЧИКИСТОН Чаноби Президент Эмомалӣ Рахмон, Пеш аз хама, ман мехохам Шуморо барои бомуваффакият баргузор намудани саммити имрузаи Созмони хамкории Шанхай табрик намоям. Баъд ан, ман мехохам ба Шумо аз номи хайати худ барои мехмоннавозӣ ва самимият, ки Шумо хангоми сафари мо нишон додед, ташаккур гӯям.

Мо доираи васеи мавзӯъхоро, ки марбут ба масоили тичорат байни ду кишвар, иттисол, рохи кутохтарин аз Точикистон то Укёнуси Хинд, яъне то бахр тарики Покистон мебошанд, мавриди баррасӣ карор додем.

Бинобар ин, мо дар мавриди он бахс кардем, ки чи гуна метавонем аз тичорат манфиати мутакобила, чи дар сохаи нассочӣ, доруворӣ ва ё сайёхӣ дошта бошем.

Аммо имрӯз мухимтарин мавзӯе, ки ду кишвари моро аз хама бештар нигарон мекунад, ин масоили Афгонистон мебошад. Чуноне, ки чаноби Президент комилан дуруст кайд карданд, ки сулх дар Афгонистон на танхо барои Точикистону Покистон нихоят мухим мебошад, инчунин махсусан барои мардуми азияткашидаи Афгонистон, ки дар давоми чил сол кишвари чангзада аст ва он боиси ранчу азоби зиёд барои мардуми он кишвар шудааст.

Хамин тавр, мо масъалаеро баррасӣ кардем, ки бо дарназардошти вазъи кунунӣ, чӣ гуна метавонем кӯшиш ба харч дихем, то ки сулху субот дар оянда баркарор шавад. Ва низое, ки моро ва Шуморо ба ташвиш меорад, ман медонам, моро дар Покистон нигарон мекунад, ин низоъ дар Панчшер байни Точикон ва Толибон аст.

Ва мо имрӯз тасмим гирифтем, ки тамоми кӯшиши худро ба харч хохем дод, чаноби Президент таъсири худро нисбати точикон ва мо дар навбати хеш тамоми кӯшиши худро нисбати паштунхо ва Толибон ба харч хохем дод. Мо тамоми кӯшиши худро ба харч хохем дод, то ихтилофот тарики муколама халуфасл гардад.

Мо онхоро водор хохем кард, ки хукумати фарогирро ташкил кунанд, ки барои Афгонистон гуногунмиллат мухим аст.

Дар Афгонистон 45 дарсадро паштунхо ва аккалияти бузургеро точикон ташкил медиханд. Ӯзбекхо, хазорахо низ дар ин кишвар хастанд. Хамин тарик, сулхи пойдор дар Афгонистон танхо дар сурати мавчуд будани хукумати фарогир имконпазир мегардад.

Аз ин рӯ, мо тамоми кӯшиши худро ба харч хохем дод, мо даъват хохем кард, ки медонем, ки наметавонем ба ягон кишвар амр дихем, аммо мо тамоми кӯшишро ба харч медихем, мо аз онхо хамчун дӯстони Афгонистон даъват мекунем, ки онхо бояд ин масъаларо хал

кунанд, хусусан масъалаеро, ки холо дар миёни точикону толибон дар водии Панчшер чой дорад.

Инчунин мо онхоро дар заминаи башардӯстона даъват хохем кард, ки бояд мухосираро хотима бахшанд, то кӯмаки башардӯстона вориди минтака гардад. Мо метавонем дар ин лахза, чаноби Президент, чуноне, ки имрӯз ману Шумо ба таври васеъ баррасӣ кардем, ин як лахзаи такдирсоз дар таърихи Афгонистон мебошад.

Ин метавонад ду рох дошта бошад, яке ба сӯи сулхи пойдор, ки дар тӯли чил соли охир таъмин нест, ё ин ки мутаассифона он метавонад ба масири дахшатборе биравад - ба мунокишаи бештар, бӯхрони башардӯстона, гурезахои бештар, Афгонистони ноустувор, ки аз чониби террористон истифода гардад, хадди аккал се гурӯхи мухталифи террористӣ хоки Афгонистонро барои хамлахои террористӣ дар Покистон истифода бурдаанд.

Хамин тарик, вокеан хама чомеаи чахонӣ манфиатдоранд, ки дар Афгонистон сулху субот бошад.

Хамин тавр, сулх, тавре ки мо имрӯз розӣ шудем, танхо дар сурате хосил мешавад, ки хукумати фарогир ташкил гардад. Хама назархои гуногун, фраксияхо, гурӯххои кавмӣ, хамаи онхо ба хукумате шомил шаванд, ки ба сулхи пойдор оварда расонад.

Бори дигар ман аз номи хайати худ ба Шумо, чаноби Президент, барои мехмоннавозии гарму самимӣ, ки хамаро ба вачд овард, изхори сипос менамоям. Мо рушду пешравиеро дидем, ки татбик карда шудааст, бинохо ва кабудизорхоро дидам.

Ин нишон медихад, ки Шумо хакикатан иштиёк барои рушди кишваратон доред ва ин вокеан ба хайати ман таассурот бахшид. Ман мехохам, ки Шуморо барои ин дастовархо табрик намоям.

Ташаккур!

https://mfa.tj/.../sukhanronii-sarvaziri-jumhurii-islomii
...